Қобили зикр аст, ки яке аз омилҳои муҳими ҷалби занон ба муҳоҷирати меҳнатӣ вазъи ноустувори иқтисодии оилаҳо ва мушкилоти иҷтимоӣ мебошад. Бархе аз коршиносони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бар ин назаранд, ки муҳоҷирати корӣ, бахусус муҳоҷирати кории занон, ҷанбаҳои мусбат ва манфӣ дорад. Аз ҷумла омӯзиши забону касб, ошноӣ бо фарҳанги халқҳои дигар, густариши сатҳи ҷаҳонбинӣ ва дигар омилҳо паҳлӯҳои мусбати ин раванд аст, вале бояд гуфт, ки паҳлӯҳои манфии ин раванд назар ба тарафҳои мусбати он бештар аст. Муҳоҷирати меҳнатии занон таҳлили амиқро тақозо мекунад, зеро ин падидаи муҳими иҷтимоӣ дар омори расмӣ пурра инъикос наёфтааст ва занони муҳоҷир аксаран дар бахшҳои ғайрирасмӣ кор мекунанд.

Соли 2001 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба хориҷа қабул намуд, ки дар банди 2.1. гуфта мешавад: «Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар, пеш аз ҳама аз зарурати рафъи шиддати иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи бешуғли аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба амал омадаанд, ба миён меояд. Ба далели мавҷуд набудани манбаҳои қонунии афзоиши даромад ва шароити воқеии иқтисодӣ барои боло бурдани сатҳи зиндагии мардум тавассути бакортаъминкунии аҳолӣ дар хориҷи ҷумҳурӣ, содироти неруи корӣ ба хориҷи кишвар омили муҳими ҳалли ин мушкилот ба шумор меравад” [2].

Дар сатҳи қонунгузорӣ соли 2005 Қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарии мардону занон ва имкониятҳои баробари татбиқи онҳо» ва соли 2022 «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз» қабул карда шуданд, ки баробарии мардон ва занон дар иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, инчунин дар ҳама гуна соҳаи дигарро кафолат медиҳанд. Моҳи апрели соли 2012 Кумитаи ҳифзи муҳоҷирони кории СММ ба Тоҷикистон тавсия дода буд, ки «ба муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо оид ба қонунҳои муҳоҷират дар кишварҳое, ки муҳоҷирони меҳнатиро қабул мекунанд, омӯзонида, огоҳ созанд»[3], инчунин ба муҳоҷирони меҳнатӣ маълумот дар бораи ҳуқуқҳои онҳо дар доираи Конвенсияро таъмин кунанд, инчунин дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар бораи конвенсия ахбори зарурирo паҳн гардонанд. Вазорати корҳои дохилии Русия қасд дорад, ки назоратро аз болои муҳоҷирони ба кишварашон воридшударо пурзӯр кунад. Чунин чораҳо барои он заруранд, ки шахсоне, ки маълумоти насби худро иваз мекунанд, ба қаламрави Русия ворид шуда наметавонанд. Дар ҳар як фурудгоҳи марказии ҳавоии Москва изи ангушт ва акси меҳмонон гирифта мешаванд. Ин барои он зарур аст, ки шахсоне, ки маълумоти шахсиашонро иваз мекунанд, ба қаламрави Россия ворид гардида наметавонанд[4].

Сабаби аслии муҳоҷирати кории занон ва дар маҷмуъ муҳоҷират дар он аст, ки иқтисодиёти Тоҷикистон барои неруи кории босуръат афзоишёбанда ҷойҳои кории

[1]Ҷумхурии Тоҷикистон. Баҳододи нишондодҳои камбизоатӣ. Ҳуҷҷатҳои Бонки умумиҷаҳонӣ. Моҳи марти соли 2009. – С.43.

[2] Концепция трудовой миграции граждан Республики Таджикистан за границу от 9 июня 2001 г., № 242.

[3] Рекомендации Комитета по защите трудовых мигрантов ООН РТ, апрель, 2012. – С. 5.

[4] Дактилоскопия - способ опознания человека по следам пальцев рук, основанный на неповторимости рисунка кожи. Данный принцип широко применяется в криминалистике.

кофӣ фароҳам намекунад. Сабабҳои афзоиши майли муҳоҷират ва муҳоҷирати кории занон дар Тоҷикистон аз сабабҳои муҳоҷирати кории занон дар дигар кишварҳои пасошӯравӣ чандон тафовут надоранд ва комилан омӯхта шудаанд. Дар байни омилҳои асосии ташвиқи занон ба ҷустуҷӯи кор дар хориҷ аз кишвар, коршиносон камбизоатиро дар ҷои аввал мегузоранд (тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, 13%-и аҳолии Тоҷикистон дар зери хатти фақр ба сар мебаранд ва ин рақам аз соли 2009 то имрӯз тақрибан бетағйир боқӣ мондааст) .

Муҳаққиқон сабаби дуввумро бекорӣ ва набуди дурнамои кор дар ватан медонанд.

Сеюм, ба андешаи коршиносон, сатҳи пасти кумакҳои иҷтимоӣ ба қишри камбизоати аҳолӣ аз ҷониби давлат аст. Занони точик ҳам бо як қатор сабабҳои субъективӣ берун аз ҷумҳурӣ кор меҷӯянд. Дар шабакаҳои сершумори телевизиони моҳворай, ки дар Тоҷикистон (ҳатто дар деҳаҳои дурдаст) насб карда шудаанд, мардум сатҳи баланди зиндагии қариб дар тамоми кишварҳои ҷаҳонро дида, зиндагӣ ва тарзи зиндагии худро бо он муқоиса намуда, дар бораи он андеша мекунанд, ки ҷойашонро иваз карда "мисли аврупоӣ зиндагӣ кунанд". Ба ҷуз аз ахбори экранҳои телевизион, ҳар як оилаи тоҷик мисолҳои мутобиқшавии бомуваффақияти шиносҳо ва ҳамсоягон дар Русия ва дигар кишварҳо, ҳамгироӣ кардани ҳамватанон ба ҷамоаҳои маҳаллии қаблан ноошноро медонанд.

Аз ин рӯ, вақтҳои охир дилпурона ҳавасмандиҳои шахсиро ба қатори сабабҳои водоркунандаи тарки занон шомил кардан мумкин аст: хоҳиши занони бешавҳари тоҷик барои дарёфти пул барои худ ва хешу табор, таҳсил кардан, касбу ҳунари зарурӣ пайдо кардан. Ниҳоят, хоҳиши ба роҳ мондани ҳаёти шахсӣ берун аз ҳудуди хонаи худ аст, аммо ин барои ҳар як кишвари пасошӯравӣ, аз ҷумла Русия хос мебошад.

Ҳамасола тақрибан ним миллион нафар барои ҷустуҷӯи кор ба хориҷа кишварро тарк мекунанд, ки аксарияти онҳо мардон (85,5% дар соли 2019) ва муҳоҷирони мавсимии кӯтоҳмуддат (75%) мебошанд. Муҳоҷирони тоҷик асосан аз деҳот (85%) ва ҷавонон (85%)-и аз 15 то 44 сола мебошанд. Федератсияи Россия кишвари асосии иқомати муҳоҷирони тоҷик аст (97,6% дар соли 2019)[1]. Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилии Русия дар нимаи аввали соли 2023 дар муқоиса бо 5,8 миллион нафар дар ҳамин давраи соли 2022 то 3,5 миллион нафар бо мақсади "кор" вориди кишвар шудаанд. Ҳарчанд нисбат ба соли 2022 суръатиин раванд сусттар шудааст, аммо дар Россия коҳиши табиии аҳолӣ идома дорад: кишвар садҳо ҳазор нафарро аз даст медиҳад. Ба ин мушкили шадиди кадрӣ илова мегардад ва мансабдоронро водор мекунад, ки дар бораи иқтидори ҷараёни муҳоҷират фикр кунанд. Дар ҳамин ҳол, чунон ки тадқиқоти Институти сиёсати иқтисодии ба номи Э.Т. Гайдар нишон медиҳад, агар дар бораи муҳоҷирати дарозмуддат сухан ронем, вакте ки одамон ба мамлакат бештар аз 9 моҳ ворид шаванд, афзоиши муҳоҷират кам мегардад. Теъдоди воридшавӣ ба Россия тақрибан аз ҳамаи кишварҳои асосӣ – шарикони муҳоҷирати Федератсияи Россия кам шудааст. Ба ҷуз ин, ки вуруди муҳоҷирони дарозмуддат аз Тоҷикистон ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, аммо ин тамоюли манфии умумии онро бартараф карда натавонист[2].

Бояд гуфт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба ба мавзуи боло бурдани мақоми зан дар ҷомеа ва тавсеаи дурнамои касбиро барои занон матраҳ мекунад. Масалан, дар бахши бонкӣ раҳбарияти кишвар аз ҷалби занон ба кор дар бахши

[1] Усиление поддержки трудовой миграции в Таджикистане. Оценка и рекомендации. Азиатский банк развития. – Душанбе, 2020. – С. 9

[2] Мигрантов из Таджикистана не пугает ситуация в России [электронный ресурс]. URL: https://www.ng.ru/economics/2023-09-20/1_8831_migrants.html (дата обращения: 10.01.2024 г.).

молия пуштибонӣ мекунад ва воқеан ҳам дар ин самт пешравӣ мушоҳида мешавад, аммо то андозае аз интизорӣ камтар аст. Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти соли 2021, занон 37%-и кулли кормандони бахши бонкӣ ва 19%-и вазифаҳои роҳбарикунандаро ташкил медиҳанд. Шумораи занон дар ташкилотҳои қарзӣ ба 39 % рафта расидааст.

Дар шароити кишвари мо муҳоҷирати меҳнатӣ аз ибтидои асри нав оғоз ёфта, дар мӯҳлати кӯтоҳтарин тамоюли афзоиши он хеле устувор гардид. Аз ҷумла, давоми ду даҳсолаи охир чун дар дигар кишварҳои пасошуравӣ дар кишвари мо низ тамоюли афзоиши муҳоҷирати корӣ миёни занон мушоҳида мешавад. Агар дар солҳои 2003-2008 шумораи занони муҳоҷир 4-7 фоизро ташкил дода бошад, пас солҳои охир ин падида то 13-15 % афзудааст ва ин вазъият нигаронкунанда аст[1].

Дар шароити муосири афзудани мураккабшавӣ ва гуногунрангии равандҳои муҳоҷирати байни занон ошкор кардани механизмҳо ва муайян намудани тамоюлҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар шароити рушди ҷаҳониро дар асоси таҳқиқоти нави сотсиологӣ талаб мекунад.

Аҳамияти амалӣ ва мубрами масъалаҳои муҳоҷирати занон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол гардидани муносибатҳои байни кишварҳо, бахусус рушди муносибатҳои соҳаи муҳоҷирати меҳнатиро барои дарки илмии равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайраро пешбинӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии муҳоҷират омӯзиши онро боз ҳам мубрамтар мегардонад. Муҳоҷирати меҳнатии занон дар фазои пасошуравӣ падидаи нави иҷтимоию иқтисодӣ буда, ташаккули заминаи қонунгузорӣ барои танзими он дар давлатҳои ИДМ бо тамоми хусусиятҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ ва фарҳангии ин ҷомеа ҳанӯз анҷом наёфтааст. Зарурати таҳияи расмиёти қонунгузорӣ ҷузъи дигари аҳамияти омӯзиши ин мавзӯъ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар даҳсолаҳои охир раванди муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди таҳқиқоти густурдаи олимони илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла таърихшиносон, сиёсатшиносон, олимони соҳаҳаи сотсиология, файласуфҳо, ҳуқуқшиносон ва демографҳо қарор гирифт. Дар соҳаи сотсиология асосҳои омӯзиши назариявӣ ва методологии муҳоҷирати меҳнатиро олимони шинохта П. Блау, М. Вебер, Г. Зиммел, Т. Знанеский, Р. Мертон, Т. Парсонс ва дигарон мавриди омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷониба қарор доданд[2].

Бояд гуфт, ки аввалин тадқиқоти умумии назариявии равандҳои муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ дар охири асри XIX пайдо шудааст. Маҳз дар ҳамин давра олими англис Э. Равенштейн аввалин назарияи неоклассикии «ҷалб»-ро кор карда баромад, ки ёздаҳ қонуни муҳоҷиратро дар бар мегирад[3]. Инчунин дар доираи ҷомеашиносии классикӣ равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар асари В.Томас ва Ф.Знанеский «Деҳқони поляк дар Аврупо ва Амрико»[4], ки дар он муҳоҷирати меҳнатии деҳқонони

---

[1] Мирзоева, М.У. Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирон дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. … номзади илмҳои иқтисодї: 08.00.11 / Мирзоева Меҳрубон Умаровна. – Душанбе, 2023. – С.6.

[2]Блау, П.М. Различные точки зрения на социальную структуру и их общий знаменатель / П.М. Блау // Американская социологическая мысль. – М., 1994. – С. 8-29; Вебер, М. Основные понятия стратификации / М. Вебер // Социологические исследования. – 1994. – № 5. – С. 147-156; Вебер, М. Основные социологические понятия / М. Вебер // Избранные произведения. – М., 1990. - С. 602-643; Зиммель, Г. Избранное: в 2 т. / Г. Зиммель. – М.: Юрист, 1996.; Мертон, Р. Явные и латентные функции / Р.Мертон // Американская социологическая мысль / под ред. В.И. Добренькова. – М., 1996. – С. 393-461; Парсонс, Т. Общая теория действия. Некоторые основные категории теории действия. Общие положения / Т. Парсонс // О структуре социального действия. – М., 2002. – С. 415-457; Thomas W., Znaniecki F. The Polish peasant in Europe and America / Ed. and abridged by E. Zaretski. Urbana; – Chicago: University of Illinois Press, 1984. – 312 p.

[3]Ravenstein E.G. TheLawsofMigration // JournaloftheRoyalStatisticalSociety. 1885. XLVIII. Part 2; Ravenstein E.G. The Laws of Migration // Journal of the Royal Statistical Society, 1889. LII.

[4]Thomas W., Znaniecki F. The Polish peasant in Europe and America. – N.Y., 1972..

поляк ва мутобиқшавии онҳо ба шароити Амрико ба назар гирифта шудааст, тахлил карда мешавад.

Дар давраҳои минбаъда масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷониби назарияшиносони аврупоӣ Р. Парк, Э. Бержесс, Р. Макензи[1] ва як қатор олимони дигар ба таври ҷиддӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд, ки ин боиси ташаккули андешаҳои нав дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ гардид.

Яке аз аввалин равишҳои типологӣ оид ба шаклҳои таърихии муҳочират аз тарафи сотсиологи маъруф В.С. Зомбарт пешниҳод гардидааст, ки тибқи ин раванд робитаи байни муҳоҷирон ва инкишофи «рӯҳи капиталистӣ» пайгирӣ карда мешуд ва навъҳои мушаххас ва оммавии кӯчониданро аз ҳам ҷудо мекард.

Дар охири асри гузашта масъалаҳои назариявӣ ва методологии муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногун Т.И. Заславская, В. Ионсев, В. Моисеенко, В.И. Переведенсев, Л.Л. Рибаковский, Б. Хорев, В.Н. Чапек, Т.Н. Юдин[2] ва олимони ватанӣ Ш. Шоисматуллоев, Р.У. Улмасов, Т.Д. Усманова, Г.Н. Зокиров, С. Исломов, Н. Қурбонов, О.М. Шарапов, С. Олимова[3] ва дигарон мавриди таҳқиқ ҳамаҷониба қарор гирифтанд.

Вобаста ба равандҳои аввалини муҳоҷират аз Тоҷикистон, аввалин бор сайёҳи рус А.П. Федченко дар соли 1871 оиди муҳоҷират ба кӯҳистон хотираҳояшро навишта буд ва солҳои минбаъда дар хотираномаҳои В.П. Наливкин ва А.А. Нечаев ин раванд дарҷ гардид. Ҳаракати мухочирон дар Россиян пеш аз инқилоби Октябр бо мафҳуми «мустамликадорӣ» алоқаманд дониста мешавад, ки дар хотираҳои А. Кауфман[4] ҷой дода шудааст.

Бояд гуфт, ки баъзе аз масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирати меҳнатӣ нисбат ба мардумони Осиёи Миёна дар асарҳои илмию

---

[1]Park R., Burgess E., McKenzie R. The city. – Chicago, 1925.

[2] Заславская, Т.И. Социология экономической жизни: очерки теории / Т.И. Заславская, Р.В. Рывкина. – Новосибирск, 1991; Моисеенко, В.М. Динамика миграционной активности населения в современной России / В.М. Моисенко // Вестник Московского государственного университета. Сер. 6, Экономика. – 2001. – № 4. – С. 64-84; Переведенцев, В.И. Методы изучения миграционного населения / В.И. Переведенцев. – М., 1975; Рыбаковский, ЛЛ. Стадии миграционного процесса / Л.Л. Рыбаковский. - М., 2001; Денисенко, М.Б., Миграциология [монография] / М.Б. Денисенко, В.А. Ионцев, Б.С. Хорев. – М.: Моск. ун-та, 1989; Чапек, В.Н. Миграция и стабилизация трудовых ресурсов села / В.Н. Чапек. – Ростов н/Д, 1983; Юдина, Т.Н. Социология миграции: к формированию нового научного направления / Т.Н. Юдина. – М., 2004.

[3]Шоисматуллоев, Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе, 2008; Ульмасов, Р.У. Институты и инструменты регулирования миграции в Таджикистане / Р.У. Ульмасов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 2008; Ульмасов, Р.У. Положительные и отрицательные аспекты внешней трудовой миграции в Таджикистане / Р.У. Улмасов // Кадровый менеджмент. – 2008. – №1. – С. 62-69, Ульмасов, Р.У. Масштабы и тенденции внешней трудовой миграции в Таджикистане / Р.У. Ульмасов. // Сб. мат. – Душанбе, 2008; Ульмасов Р.У. Миграция и демография в Таджикистане. – Душанбе – 2023; Зокиров, Г.Н. Этнополитические проблемы миграции населения в Таджикистане // Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 1995; Исломов, Ф. Миграция населения Таджикистана в условиях становления рыночных отношений / Ф.Исломов // Социально-демографическая ситуация в переходной экономике Таджикистана: тез. докл. науч.-практ. конф. – Душанбе, 1999. – С. 38-40; Нуралиев, Н.Н. Проблемы трудовой миграции из Таджикистана в Россию / Н.Н. Нуралиев // Социологические исследования. – 2005. – № 8. – С. 68-72; Олимова, С.К. Межтаджикский конфликт и национальные меньшинства в Таджикистане / С.А. Олимова // Миротворческие процессы в Таджикистане: материалы науч.- практ. форума. – Душанбе 1998. – С. 395-400; Юсупова, 3. Демографическая ситуация в Таджикистане (полит, аспект) / 3. Юсупова // Место Таджикистана в новом международном порядке: материалы 11-й междунар. науч.-практ. конф. / ПРООН в РТ-Национал. Ассоциация политологов РТ. – Душанбе, 1997. – С. 91-100.

[4]Ниг.: Федченко, А.П. Путешествие в Туркестан в Кокандском ханстве / А.П. Федченко. – СПб., 1875; Наливкин, В.П. Краткая история Кокандского ханства / В.П. Наливкин. – СПб., 1914; Нечаев, А.А. Горная Бухара / А.А. Нечаев. – СПб., 1914; Кауфман, А.А. Переселение и колонизация / А.А. Кауфман. – СПб., 1905.

таърихии як қатор олимони рус В.В.Покшишевский, В.И.Переведенсев, В.Н.Чапек, Л.Л.Рибаковский ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст[1].

Пас аз ба даст овардани истиқлолият дар фазои пасошӯравӣ мушкили муҳоҷирати меҳнатӣ ба далели рушди бемайлони ин падида мавриди таҳқиқи сиёсатшиносон, сотсиологҳо, файласуфони иҷтимоӣ, иқтисоддонҳо, муаррихону демографҳо ва ғайра қарор гирифта, дар як муддати кӯтоҳ оид ба ин зуҳурот мақолаҳои зиёд ва тадқиқҳои алоҳида ба табъ расидаанд.[2]

Зимнан, дар шароити кунунӣ доираи тадқиқоти сотсиологӣ оид ба ҷалби муҳоҷирон ба муҳити нави иҷтимоию иқтисодӣ хеле васеъ шудааст. Дар асарҳои баъзе олимони муосир масъалаи илмию амалии мутобиқати иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии муҳочирон равшан инъикос мегардад.[3]

Ҳамин минвол, дар ин мавзӯъ аз ҷониби донишмандони тоҷик дар бахшҳои сотсиологӣ, фалсафаи иҷтимоӣ, иқтисодиёт ва демография пажӯҳишҳои назаррасе анҷом дода шудаанд. Дар ин бобат асарҳои илмии олимони намоёни тоҷик О. Коситов, Х. Умаров, Р. Улмасов, С.И. Исломов, Ф.С. Исломов, Ш. Шоисматуллоев, Л. Николаева, О. Бобоев, С. Олимова, М. Маҳмадбеков, Ш.С. Шеров ва дигарон сазовори диққати махсус мебошанд[4].

Олими тоҷик О. Коситов дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ яке аз аввалинҳое буд, ки масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатиро мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор дод. Ӯ дар китоби «Муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистон» раванди муҳоҷиратро дар Тоҷикистон шарҳ дода, ба омӯзиши омилҳои асосии муҳоҷират, аз ҷумла иқтисодӣ, этникӣ, демографӣ бо далелҳои дахлдор таваҷҷуҳ кардааст. О. Коситов дар асоси маълумотҳои омори давлатӣ ҷойгоҳ ва аҳамияти ҳар як омилро дар раванди

---

[1]Ниг.: Покшишевский, В.В. Миграция / В.В. Покшишевский // МЭС. – М. 1959; Миграция // Краткая географическая энциклопедия. – М.,1961; Переведенцев, В.И. Методы изучения миграции населения / В.И. Переведенцев. – М., 1975; Рыбаковский, Л.Л. Методологические вопросы прогнозирования населения / Л.Л. Рыбаковский. – М., 1978.

[2]Максакова, Л. Сельские мигранты на рынках труда городов Узбекистана / Л. Максакова // Научные доклады / Центр изучения проблемы вынужденной миграции в СНГ // Независимый исследовательский совет по миграции стран СНГ и Балтики. – М., 1999; Остапенко, Л.В. Русские в Молдавии: потенциальные мигранта и стабильные жители / Л.В. Остапенко, И.А. Субботина // Вынужденные мигранты: интеграция и возвращение. – М., 1997. – С. 183-200; Прибьпкова, И. Коренные киевляне и мигранты: мониторинг социальных изменений на рубеже XXI века / И. Прибыпкова // Научные доклады / Центр изучения проблем вынужденной миграции в СНГ, Независимый исследовательский совет по миграции стран СНГ и Балтии. – М., 2000. Вып.4. – С.5-19.

[3]Амелин, В.В. Социальная адаптация вынужденных переселенцев в полиэтническом приграничном регионе России: (социол. аспект) / В.В. Амелин // Мониторинг общественного мнения: экономические и социальные перемены. – 2002. – №3. – С.18-24; Гуков, Д.А. Регулирование социальной адаптации вынужденных мигрантов: на примере Центрально-Черноземного региона: дисс. … канд. социол. наук: 22.00.08 / Дмитрий Александрович Гуков. – Белгород, 2004. – 215 с.; Кумсиев, Л.Ш. Социальная адаптация вынужденных мигрантов в этнокультурном пространстве Республики Северная Осетия-Алания: дисс. ... канд. социол. наук: 22.00.04 / Лев Шотаевич Кумсиев. – М., 2002. – 208 с.; Назарова, Е.А. Социальная адаптация вынужденных переселенцев и беженцев в Российской Федерации: социологический анализ: дисс. ... канд. социол. наук: 22.00.08 / Елена Александровна Назарова. – М., 1998 – 174 с.; Петров, В.Н. Вынужденные мигранты и процессы их социальной адаптации в регионе как проблема социальной политики / В.Н. Петров // Ломоносовские чтения, 2003.

[4]Коситов, О. Миграция населения Таджикской ССР / О. Коситов. – Душанбе, 1976. – 81 с.; Умаров, Х. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане (причины, проблемы, последствия, регулирование) / Х. Умаров, Р. Ульмасов. – Душанбе: Ирфон, 2006; Исломов, С.И. Демография Таджикистан в переходной экономике / С. Исламов, М. Мирджаполова. – Душанбе, 1999; Исломов, Ф.С. Некоторые проблемы миграции населения Республики Таджикистан в переходный период / Ф. Исламов. – Душанбе, 1999; Шоисматуллоев, Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе, 2008; Николаева, Л Ю. Трансформации социальной структуры Таджикистана в XX веке / Л.Ю. Николаева. – Душанбе, 2003; Олимова, С. Трудовая миграция из Таджикистана / С. Олимова, И. Боск. – Душанбе, 2003; Олимова, С. Торговля людьми в Таджикистане / С. Олимова, Н. Мамаджанова. – Душанбе, 2006; Махмадбеков, М.Ш. О тенденциях, факторах и последствиях внешней трудовой миграции / М.Ш. Мамадбеков, Ш.С. Шеров // Известия АН. РТ. Отделение общественных наук. – 2018. – № 3. – С.43.

муҳоҷират асоснок карда, дар баробари ин ба ҳаракати аҳолии деҳоти кишвар ҷои махсус медиҳад[1].

Ба андешаи мо, дар аксари асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки дар боло зикр гардид, асосҳои этникӣ воқеан бидуни ба назар гирифтани хусусиятҳои иҷтимоию демографӣ таҳлил гардидаанд. Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии занон аз Тоҷикистон ҳамаҷониба таҳлил ва омӯхта нашудаанд. Ҳама масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатии занон таҳлили ҳамаҷониба ва бунёдиро тақозо мекунанд, зеро то ҳол хусусият, мазмун ва шаклҳои муҳоҷирати меҳнатии занон аз Тоҷикистон, хусусиятҳои хоси он, ки ба ин категорияи мушкилот хосанд, мавзӯи тадқиқоти махсус нагардидааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи кафедраи илмҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (дар мавзуи «Таърихи инкишофи илм ва фалсафаи иҷтимоӣ») иҷро гардидааст. Яке аз қисматҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур фарогири масъалаи «Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологии ташаккули раванди муҳоҷират дар Тоҷикистон» марбут ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи таҳқиқоти рисолаи илмӣ муайян ва таҳқиқи тамоюлҳо, оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатии занон ва муайян кардани роҳу воситаҳои танзими ин равандҳо дар Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади гузошташуда иҷрои чунин вазифаҳо ба нақша гирифта шуданд:

– таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши муҳоҷирати меҳнатии занон дар шароити ҷаҳонишавӣ;
– таҳлили ҷанбаҳои гендерии муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ;
– муайян намудани сабабҳо, миқёс ва тамоюлҳои муҳоҷирати меҳнатии занон дар Тоҷикистон;
– таҳлили мушкилоти иҷтимоии вобаста ба афзоиши ҳиссаи занон дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ;
– таҳлили тамоюлҳои ҷорӣ дар сиёсати давлатии муҳоҷират дар Тоҷикистон;
– пешниҳоди роҳҳои ҳалли мушкилоти муҳоҷирати занон дар Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** – муҳоҷирати меҳнатии занон аз Тоҷикистон.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** – омӯзиши тамоюл, оқибатҳо ва муайян намудани равишҳо барои танзими муҳоҷирати меҳнатии занон дар Тоҷикистон.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ тайи солҳои 2015–2022 дар кафедраи илмҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои дар заминаи таҳқиқот бадастомада метавонанд дар раванди таҳлили илмию амалии равандҳои муҳоҷират, пеш аз ҳама муҳоҷирати меҳнатии занон васеъ истифода шаванд. Дар фаъолияти мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабули қарор оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ аз нуқтаҳои алоҳидаи кор истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқотро инчунин дар ҷараёни таълими курсҳои ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, иқтисодиёт, демография ва ғайра дар мактабҳои олӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва назарияҳои асосии сотсиологии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатии занон

---

[1]Коситов, О. Миграция населения Таджикской ССР / О. Коситов. – Душанбе, 1976. – 81 с.

ташкил медиҳанд. Муаллиф ба муқаррарот ва хулосаҳои асосии асарҳои тадқиқотии олимони ватанию хориҷӣ такя мекунад, ки дар онҳо таваҷҷӯҳи асосӣ ба таҳқиқи равандҳои муҳоҷират, муҳоҷирати меҳнатии занон ва таҳлили иҷтимоию фалсафӣ ва сотсиологии онҳо дода шудааст, зеро натиҷаҳои тадқиқот имконият медиҳанд, ки проблемаҳои таҳқиқшаванда бештар ва ҳаматарафа таҳқиқ карда шаванд.

Дар ин тадқиқот усулҳои умумии илмӣ ва хусусии илмҳои сотсиологӣ, инчунин усулҳои таҳлили таърихӣ, оморӣ, функсионалӣ, муқоисавӣ, баҳодиҳӣ ва пешгӯӣ истифода мешаванд. Дар баробари ин, дар тадқиқот барои баррасии ҷанбаҳои гуногуни проблемаи таҳқиқшаванда усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ низ истифода шудаанд.

Асоси иттилоотию таҷрибавии тахқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин стратегияҳо ва барномаҳои соҳавии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, ташкил медиҳанд. Кори илмии мазкур ба таҳлили маводҳои илмй, истифодаи маълумотхои оморӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ асос ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоси ҳадаф ва вазифаҳои дар раванди тадқиқот гузошташуда муайян карда шуда, нуктаҳои зеринро инъикос мекунад:

– моҳият ва таҳаввули муносибатҳои гендерӣ дар раванди муҳоҷирати меҳнатӣ муайян карда мешаванд;
– хусусиятҳо, сабабҳо ва омилҳои раванди «феминизатсияи муҳоҷират» (афзоиши шумораи занони муҳоҷир, тағйири нақши онҳо дар раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон) муайян карда шуданд;
– хусусиятҳои хоси муҳоҷирати меҳнатии занони тоҷик (дар соҳаҳои хизматрасонӣ, саноат, фароғат ва ғайра) муайян карда шудаанд;
– муайян намудани мушкилот ва таҳдидҳои иҷтимоӣ, ки бо афзоиши ҳиссаи занон дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ таъсири бевосита мегузоранд (аз ҷумла қочоқ, хариду фурӯши одамон, шаклҳои гуногуни табъиз);
– бо роҳи пурсиш ва омӯзиши маводи расмии вазорату идораҳои дахлдор гурӯҳҳои мушаххаси муҳоҷирони занон (сардорони оилаҳо, муҳоҷирони пешқадам ва ин амсол) аз Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуданд;
– оид ба муносибгардонии шуғли занони муҳоҷир ва мутобиқшавии иҷтимоии онҳо дар кишвари қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ пешниҳодҳо баррасӣ гардиданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Дар шароити Тоҷикистон низ мисли дигар кишварҳои пешрафта шумораи ақди никоҳҳои сабтнашуда афзоиш ёфта, издивоҷ ва таваллуди кӯдакон ба таъхир меафтад ва ҳиссаи заноне, ки дар баробари ҳамсаришон нонавари оила ва ин амсол дониста мешаванд, торафт меафзояд. Дар ин шароит ҳам тақсимоти дилхоҳ ва ҳам воқеияти нақшҳои гендерӣ дар оилаҳо тағйир наёфта наметавонад. Ин равандҳо имрӯз дар Тоҷикистон чӣ гуна ҷараён доранд? Онҳо ба тағйири мавқеи оила дар ҳаёти мардуми кишвар ва вазифаҳои иҷрошавандаи онҳо чй гуна таъсир мерасонанд? Онҳо ба навсозии иҷтимоӣ ва иқтисодию маънавии кулли ҷомеаи кишвар чӣ мувофиқате дошта метавонанд? Посух гуфтан ба ин саволҳо бозгӯи талаботи нави замони муосир буда, ҳадафи аслии тадқиқоти мазкурро нишон медиҳад.

1. Равандҳои гендерӣ дар робита ба омӯзиши муҳоҷирати меҳнатӣ назарияҳое мебошанд, ки нақши гендериро (назарияи нақши гендерӣ ва тақсимоти гендерии меҳнат) баррасӣ намуда, ҳамзамон назарияи муносибатҳои иҷтимоӣ, робитаҳо ва масъулияти мутақобилаи байни одамон, оилаҳо, муассисаҳоро вобаста ба ҷинсият дар шароити тараққиёти ҷамъият ошкор месозад.

2. Рушди иқтисодӣ ба назарияи тамоюли шомилшавии занони муҳоҷир ба бозори меҳнат ва рушди нишондиҳандаҳои иқтисодии гендерӣ алоқаманд аст.
3. Раванди муҳоҷирати марбут ба соҳаҳои мушаххаси шуғл аксар вақт дар саросари ҷаҳон бо истилоҳи «шуғли занон» муайян карда мешавад, аз ҷумла: кормандони хонагӣ, кормандони соҳаи маориф ва тандурустӣ, кормандони фароғатӣ, кормандони мустақили оперативӣ, коргарон дар корхонаҳо, бозорҳо, нуқтаҳои савдо, ва ғайра. Масъалаи феминизатсияи муҳоҷирати меҳнатии занон низ ҳангоми баррасии мушкилоти муҳоҷирати иҷборӣ, бахусус қочоқи одамон ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ матраҳ мешавад.
4. Таърифи навъҳои «махсус»-и муҳоҷирати занон типологияи муҳоҷирати «классикӣ»-ро истисно намекунад, балки онро пурра месозад («муҳоҷирати иҷборӣ-ихтиёрӣ» ва ин амсол).
5. Феминизатсияи раванди муҳоҷирати муосир як қатор натиҷаҳои мусбат дорад. Кишварҳои “қабулкунанда”-и муҳоҷирони меҳнатӣ аз фаъолияти муҳоҷирон дар баланд бардоштани некӯаҳволии ҷомеаи худ истифода бурда, дар рушди равандҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, истеҳсолӣ, демографӣ ва ғайра саҳми арзанда мегузоранд. Гузариши занони муҳоҷир ба кишвари нав ба онҳо имкон медиҳад, ки на танҳо вазъи молиявии худро беҳтар гардонанд, балки бо ғояҳои нав, меъёрҳои иҷтимоӣ, донишҳои нав шинос шаванд ва аз ҳуқуқҳои худ дар ҳаёти ҷамъиятӣ истифода баранд.
6. Муҳоҷирати меҳнатии занон низ метавонад бо оқибатҳои манфии ҷиддӣ ва хатарҳо алоқаманд бошад. Аввалан, кишварҳои донор захираҳои гаронбаҳои меҳнатиро аз даст медиҳанд. Шаклҳои ғайриқонунии муҳоҷират вазъи криминологиро дар кишварҳои қабулкунанда мушкилтар намуда, мушкилоти иҷтимоиро шадидтар мегардонанд. Занони муҳоҷир зери хатари табъиз, хушунати ҷинсӣ ва қочоқи инсон қарор доранд.
7. Дар маҷмӯъ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми тамоюлҳо ва қонунҳои рушди муҳоҷирати байналхалқӣ хос аст, ки аксаран дар сатҳи ҷаҳонӣ зуҳур меёбанд.
8. Натиҷаҳои тадқиқоти амалӣ нишон медиҳанд, ки занони муҳоҷир дар аксар мавридҳо дар раванди қабули қарорҳои муҳоҷират нақши фаъол доранд ва дар ташкили муҳоҷирати меҳнатии занон ҳамчун субъектҳои мустақил баромад мекунанд.
9. Сарнавишти занони муҳоҷир, ки аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Россия ва дигар кишварҳои хориҷӣ рафтаанд, тағйирёбии нақшҳои гендериро дар ҷомеаҳои гуногун равшан нишон медиҳад. Ислоҳоти бозор, поин рафтани сатҳи зиндагӣ, фақру бекорӣ аз омилҳое ҳастанд, ки барои ҷалби занони Осиёи Марказӣ ба муҳоҷирати корӣ замина гузоштаанд. Имрӯзҳо ҳазорон зан аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамроҳи шавҳаронашон ва ё ҳатто мустақилона ба манотиқи мухталифи Россия ба муҳоҷирати корӣ ҷалб шудаанд.
10. Оилаи суннатии чандинасраи точикон дар ин васила рӯ ба вайроншавӣ меорад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои тадқиқот дар раванди таҳлили илмӣ ва амалии равандҳои муҳоҷират, пеш аз ҳама муҳоҷирати меҳнатии занон васеъ истифода мешаванд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои рисолаи номзадиро дар таҳияи сиёсати давлатӣ оид ба муҳоҷирати занон ва муайян намудани равишҳои танзими муҳоҷирати меҳнатии занон дар Тоҷикистон васеъ истифода бурдан мумкин аст. Тавсияҳои алоҳидаи кори илмиро дар фаъолияти мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабули қарорҳо оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ истифода намудан имконпазир мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро инчунин дар таълими фанҳои сотсиология, сиёсатшиносӣ, иқтисодиёт, демография ва ғайра дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба маълумоти дақиқ, ба миқдори кофии мавод, ба натиҷаи тадқиқоти сотсиологӣ ва дигар рисолаву таҳқиқҳои нашршуда асос ёфтааст. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни рисолаи илмӣ ба шаҳодатномаи ихтисоси шурои диссертационӣ 6Д. КОА.005 – Сотсиология барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.03 – Сотсиологияи иқтисод ва демография мутобиқ карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** барои дарёфти унвони илмӣ аз муайян кардани мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва предмети тадқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии тадқиқот, коркард ва шарҳи натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ, таҳияи муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат аст. Хулосаҳои дар рисола овардашуда натиҷаи тадқиқоти мустақили унвонҷӯ мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи илмҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст. Рисола дар маҷлиси кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон (протоколи №3, аз 27 октябри соли 2023 ) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шуд. Натичаи ин тадқиқот борҳо дар маҷлису семинарҳои илмии кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон муҳокима карда шуд. Мушкилот ва хулосаҳои асосии рисола дар конфронсҳои илмии ҳайати омӯзгорони Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон, инчунин дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ (солҳои 2018-2023) дар шакли маърӯзаҳо пешниҳод гардиданд, аз ҷумла: Конфронси байналмилалии илмию амалии «Мушкилоти актуалии рушди иқтисодиёти инноватсионӣ» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 20-21 июни соли 2018) дар мавзуи «Омилҳо ва сабабҳои равандҳои муҳоҷират ва таъсири психологии онҳо дар Тоҷикистон»; Конфронси байналмилалии илмию амалии фосилавии «Рушди иқтисоди инноватсионӣ дар Тоҷикистон ва Полша» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 21-22 декабри соли 2018) дар мавзуи «Муҳоҷират ва оқибатҳои манфии психологии он ба саломатии муҳоҷирони тоҷик»; Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Ҷанбаҳои консептуалӣ ва асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули натиҷаҳои шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 28 октябри соли 2022) дар мавзуи «Ҷанбаҳои гендерии муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон» ва ғайра..

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 14 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА–и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба нашр расидаанд ва пурра мазмуни диссертатсияро ифода менамоянд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз мундариҷа, муқаддима, ду боб, аз ҷумла 5 параграф, 4 ҷадвал, 9 расм, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат буда, дар ҳаҷми 179 саҳифаи матни компютерӣ иҷро карда шудааст.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзӯъ асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсия, навоварии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии он ифода ёфта, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда нишон дода шудааст.

**Дар боби аввал «Асосҳои назариявии омӯзиши муҳоҷирати меҳнатии занон дар шароити ҷаҳонишавӣ»** шарҳи масъалаҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши муҳоҷирати меҳнатии занон дар шароити ҷаҳонишавӣ, инчунин маълумот оид ба омӯзиш ва таҳлили муҳоҷирати меҳнатии занон оварда шуда, масъалаҳои

муҳоҷирати меҳнатӣ пас аз истиқлолият дар шароити Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.

Бояд гуфт, ки ҷаҳонишавӣ дар ибтидои асри XXI бисёр равандҳои муҳими соҳаҳои сатҳи ҷаҳониро фаро гирифта, ба рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти халқҳои ҷаҳон таъсири амиқ расондааст. Дар шароити кунунӣ ин падида ҳамарӯза ба соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба иқтисодиёт, муҳити зист, фарҳанг, илм, амният ва ғайра таъсир мерасонад.

Бо вуҷуди мушкилоти ҷойдошта олимону коршиносон бар ин назаранд, ки раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчун сохтори нави ҷаҳони муосир метавонад роҳи ояндаи инсониятро равшан нишон диҳад. Ин раванд метавонад ба зудӣ тамоми соҳаҳо ва самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла иқтисодиёт, фарҳанг, сиёсат ва ҷомеашиносиро фаро гирад. Дар баробари дигар кишварҳои ҷаҳон давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон низ ба ин реҷаи ҳаррӯза шомил шуда, саъй доранд, ки паёмадҳои мусбату манфии онро эҳсос кунанд.

Ба ақидаи мо, яке аз омилҳои муҳими раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳам наздик шудани муносибатҳои истеҳсолй ва истифодаи умумии фоиданоки қувваҳои истеҳсолкунанда мебошад, ки он дар натиҷаи мубодилаи доимии воситаҳои истеҳсолот ва тадқиқоту таҳлили мунтазами илмию техникӣ ба даст омада, ин равандро возеҳтар мегардонад. Умуман, ҷаҳонишавӣ боиси махсусгардонӣ ва тақсимоти меҳнат дар сатҳи байналмилалӣ мегардад. Аммо бояд гуфт, ки «худи мфҳуми ҷаҳоншавӣ бо тағйир додани ташкили фазоии ҷаҳон пояҳои давлати миллиро коста месозад»[1]. Масалан, дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ занон ба ҳисоби миёна нисбат ба дигар кишварҳо хеле камтар маош мегиранд. Чунин маълумот дар гузориши Бонки Ҷаҳонӣ оварда шудааст. Ҳамин тариқ, тибқи омор, дар Тоҷикистон тақрибан 60 дарсади даромади мардонро занони корӣ мегиранд. Дар Ӯзбекистон ба ҳисоби фоиз занон 61 фоиз ва дар Қазоқистон 78% даромадро ба даст меоранд. Ин гузориш тавзеҳ медиҳад, ки агар занон дар Осиёи Марказӣ дар баробари мардон кор ва даромад мегирифтанд, афзоиши даромади миллӣ дар ин кишварҳо ва аз ҷумла дар Қазоқистон то 27% ва дар Тоҷикистон то 63%-ро нишон дода метавонист[2].

Мушкилоти пайдоиши муҳоҷирати меҳнатӣ ҳам дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки муҳоҷирон аз онҳо хориҷ мешаванд ва ҳам дар кишварҳои пешрафтае, ки муҳоҷиронро қабул мекунанд, мушоҳида мешаванд. Яке аз таҳлилгарони ин раванд В.Бонинг чунин мешуморад, ки раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити ҷаҳонии муосир «муҳимтарин паҳлӯи ҷаҳонишавии босуръати иқтисод буда, ба тамоми кишварҳои ҷаҳон, ҳам ба таври мусбат ва ба таври манфӣ, вобаста ба нобаробарии кувваи коргарӣ таъсири амиқ дорад»[3]. Ин назария дар якҷоягӣ бо фарзияҳои чандин олим ва коршиносони сатҳи ҷаҳонӣ беш аз 30 сол пеш амалӣ шуда буд. Аллакай дар он замон бархе аз муҳаққиқон бо истинод ба ибораи «сарвати инсонӣ» нақши занро «ганҷинаи тиллои меҳнати хонагӣ» маънидод мекарданд.

Бо такя ба назарияи дар боло зикршуда метавон гуфт, ки дар шароити муосири Тоҷикистон ҳар сол афзоиши муҳоҷирати корӣ ба кишварҳои хориҷи дур, бахусус Россия, хароҷоти зиёди иҷтимоӣ ба бор оварда, дар баробари ин боиси харобии оилаҳо низ гардида метавонад. Дар робита ба тағйирёбии шароити зиндагии муҳоҷирон, издивоҷ ҳамчун як имтиҳони ҷиддӣ қабул карда мешавад, яъне муҳоҷирон тадриҷан ба арзишҳои фарҳангии кишварҳои мизбон рӯ меоранд.

---

1 Косов, Г.В. Трансформация государства в условиях глобализации: эколого-политическое основание / Г.В. Косов // Россия в условиях глобализации: философские, социокультурные и политические проблемы. – Невинномысск, 2004. – С. 113 – 124.

2 ВБ сравнил доходы женщин в Центральной Азии с мировыми зарплатами // ИА Спутник. 2023. 09 март.

3 Иқтибос аз: Прусс, И. Обратный билет / И.Прус. Знание – сила. – 1998. – № 11-12.

Бар асоси бархе гузоришҳо, дар чанд соли ахир дар пайи хуруҷи густурдаи мардони муҳоҷири корӣ ва теъдоди зиёди талоқҳо ҷамъияти занони партофташуда ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфтааст. Масалан, тибқи маълумоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2022 дар кишвар 70 802 никоҳ ба қайд гирифта шуда бошад, дар ҳоле ки дар як соли пеш74 863 буд. А вот число разводов, напротив, выросло – 41 991 расторжение брака в 2022-м против 38 326 в 2021 году[1]. Сабаби ин чанд омил, бахусус, омодагии сусти ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ буда, аксар вақт бо мушкилоти хонаводагӣ ва молӣ вазъ бештар мешавад. Занони аз шавҳар ҷудошуда маҷбур мешаванд, ки муҳоҷирати меҳнатии берунаро ихтиёр намоянд.

Дар шароити кишвари мо то кунун байни мардон андешае вуҷуд дорад, ки ҷои зан дар назди оташдон дар ошхона аст. Бар асоси ин, занон мушкилоти зиёде доранд, аммо дар миёни онҳо мизони талоқ ва бекорӣ махсусан дар деҳот зиёд аст. Аз рӯи тадқиқоти мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки ғарази қавии гендерӣ ва тарзи ҳаёти патриархалӣ омили муҳоҷирати занон мешаванд. Илова бар ин, сатҳи таҳсилот, ба фарқ аз ҳамсояҳои худ дар минтақа, бисёр чизҳоро ба таври дилхоҳ мегузорад. Духтарон дар Тоҷикистон аз рӯзи таваллуд барои издивоҷ омода шуда, таҳсил ва касбомӯзиро бартарии мардон медонанд.

Ба назари мо, дар раванди ҷаҳонишавӣ афзоиши раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун унсури сиёсӣ метавонад боиси пайдоиши омилҳои зерин гарданд:

- дар як қатор давлатҳои содиркунандаи қувваи қобили меҳнат мувозинати динамикии афзоиши аҳолӣ вайрон шуда, метавонад ба равандҳои иқтисодӣ ва демографӣ таъсири манфӣ расонад;
- ин раванд ҳамчунин боиси кам шудани қувваҳои меҳнатӣ ва истеҳсолкунанда гардида, ба тараққиёти иқтисодиёти мамлакатҳои тараққиёбанда таъсири калон мерасонад;
- мувозинати иқтисодиёт ва равандҳои истеҳсолку-нандагону истеъмолкунандагонро дар сатҳи мамлакатҳое, ки қувваи коргариро ҷойгир мекунанд, вайрон мекунад.

Ба андешаи мо, ҳарчанд масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ ва бахусус масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии занон чӣ дар хориҷ ва чӣ дар дохили кишвар мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд, вале паҳлӯҳои ин масъалаи муҳим ҳанӯз кам омӯхташуда дар чаҳорчӯба қарор доранд. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки вазъи ҷаҳонишавӣ ва дар заминаи он шароити муҳоҷирати меҳнатӣ дар раванди тағйирёбии доимӣ қарор дорад ва аз ин нуктаи назар мо тасмим гирифтем, ки баъзе аз ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ин равандро то андозае мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Бояд гуфт, ки аксари муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ҳангоми тасниф намудани муҳоҷирати меҳнатӣ онро ба муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон, калонсолон, муҳоҷирати меҳнатии занон ва ғайра тақсим кардаанд, вале ба назари мо, ин усули тақсимот барои тадқиқот аҳамияти калони илмӣ надорад, зеро мафҳуми муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ ба тақсимоти васеъ ниёз надорад.

Ҳамин тариқ, бояд хулоса кард, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ муҳоҷирати меҳнатӣ дар аксари кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, боиси тағйири самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва ҳатто сиёсӣ шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар 10-15 соли ахир теъдоди муҳоҷирони корӣ аз Тоҷикистон аз ҳисоби занон афзоиш ёфта, дар ин замина пажӯҳиш ва омӯзиши нақши занон дар соҳаи муҳоҷирати корӣ ба миён омадааст.

Ба фикри мо, агар дар аввали солхои 2000-ум. оғози муҳоҷирати кории занон аз пуштибонии оила ва камбизоатӣ буд, пас дар 20 соли оянда сабаби афзоиши ин раванд як қатор омилҳои дигар, аз ҷумла беҳбуди шароити зиндагӣ, ҷалби кӯдакон

[1] Маълумоти расмию омории Вазорати адлияи Ҷумхурии Тоҷикистон дар соли 2022.

ба мактабҳои олӣ дар дохили кишвар ва ҳатто берун аз он, тӯй ва дигар маросимҳо, инчунин омилҳои дигар дониста мешавад.

Яке аз омилҳои дигари пурзӯр шудани муҳоҷирати кории занон, расидан ба сатҳи шоистаи зиндагии аҳолии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мебошад. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки занон тавассути барномаҳои телевизионӣ, филмҳо, ВАО, шабакаҳои интернетӣ ва ғайра бо ҳаёту рӯзгори одамони дигари кишварҳои пешрафтаи олам шинос шуда, кӯшиш мекунанд, ки дар шароити мӯътадили рӯзгор зиндагӣ кунанд ва яке аз роҳҳои расидан ба ин мақсадро онҳо пеш аз ҳама дар муҳоҷирати меҳнатии берун аз кишвар мебинанд.

Дар маҷмӯъ, сабабҳои ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ пайвастани занон зиёд буда, яке аз сабабҳои асосии он нобаробарии иқтисодӣ ва сатҳи пасти зиндагӣ мебошад[1].

Бо дарназардошти афзоиши шумораи занони муҳоҷири корӣ, муҳаққиқон дар доираи омӯзиши хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва касбии онҳо, таҷрибаҳои меҳнатӣ, шакли шуғл ва хатарҳои марбут ба истисмор ва табъизро рӯшану возеҳ месозанд. Натоиҷи ин пажӯҳиш метавонад ба суолҳо дар бораи нақш ва ҷойгоҳи муҳоҷирати кории занон дар рушди иқтисоди Россия ва зарурати ба назар гирифтани мавҷудияти ин тоифаи муҳоҷирон дар қонунгузории муҳоҷирати Россия посух диҳад[2].

Омӯзиши равандҳои муҳоҷират дар асоси маълумоти хадамоти омори расмӣ ба як қатор мушкилот дучор шуда метавонад: номукаммалии ин омор аз сабаби мураккабии баҳисобгирии муҳоҷират; тафовут дар сохторҳои ҷамъоварии маълумот оид ба муҳоҷират дар кишварҳои гуногун, ки боиси душвориҳо дар муқоисаи ин маълумот мегардад; аз як категория ба категорияи дигар гузаштани муҳоҷирон ҳангоми будубош дар кишвари таъиншуда; қисми зиёди муҳоҷирати ғайриқонунӣ, махсусан дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ. Ҳамаи ин омилҳо истифодаи маълумотҳои тадқиқотии сотсиологиро, ки дар асоси нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон таҳия шудаанд, нисбатан пурарзиш мегардонад. Аҳамияти тадқиқоти интихобӣ дар омӯзиши муҳоҷирати меҳнатии занон махсусан бузург аст, зеро бо сабабҳои объективӣ аксари ин категорияҳои муҳоҷирон ба омори расмӣ дохил карда нашудаанд.

Муҳоҷирати кории занон аз Тоҷикистон асосан аз нигоҳи ду равиши гуногун баррасӣ мешавад. Бархӯрди аввал бар интиқоди ҳуқуқи башар аз вазъи занони муҳоҷир, бахусус дар кишварҳои мизбон асос ёфтааст. Объекти интиқод нақзи ҳуқуқи занони муҳоҷир ва шароити вазнини зиндагии онҳост. Ин бархӯрд бештар хусусияти муколамаи ҳуқуқи башар дорад ва бар ин аст, ки тағйироти пасошӯравӣ вазъи бисёре аз занони тоҷикро бадтар кардааст. Ин ба афзоиши амалҳои табъиз нисбат ба занон ва маҳдуд кардани озодиҳои шахсии онҳо вобаста аст.

Ҳамин тариқ, бо назардошти вазъи кунунӣ, барои ташаккули тасаввуроти равшантар дар бораи муҳоҷирати меҳнатии занон аз Тоҷикистон, якчанд категорияи сабабҳои муҳоҷиратро метавон ҷудо кард:

1. Занони ба муҳоҷири меҳнатӣ пайвастшуда, ки саробони оила мебошанд ва парастори мард надоранд.
2. Занони коргари муҳоҷир, ки ҳамроҳи волидон, бародарон ва шавҳаронашон ҳам барои кор ва ҳам барои дарёфти манзили муваққатӣ ё доимӣ ба хориҷа сафар мекунанд.

---

[1] Женская трудовая миграция из Таджикистана: в поисках европейской жизни [электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/20170925/rossiyskiy-ekspert-zhenskaya-trudovaya-migraciya-iz-tadzhikistana--eto-nadolgo-1023415873.html (дата обращения: 25.02.2024 г.).

[2] Феномен таджикской миграции: теория и методология (роль диаспор и мигрантов в процессе развития). – Душанбе, 2022. – С.71.

3. Занон муҳоҷирони муваққатии меҳнатӣ мебошанд, ки мавсимӣ кор карда, барои ҳалли мушкилоти оилавӣ ва молӣ ба ҷустуҷӯи кори беҳтар ва маоши баланд ба кишварҳои ҳамсоя сафар мекунанд. Бояд гуфт, ки саҳми ин занон ҳам барои хонаводаашон ва ҳам барои ободии ҷомеа дар шароити кунунӣ хеле назаррас аст.
4. Занони муҳоҷири муҷаррад, ки мехоҳанд зиндагии шахсии худро танзим кунанд ва ба ин васила роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилоти худро ҷустуҷӯ мекунанд. Аз ҷумла, таҳияи Барномаи давлатии кӯмаки суроғавӣ ба оилаҳои камбизоат (аз ҷумла оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки аз саробон мондаанд) тезонида шавад, ки дар он афзоиши ҳаҷми кӯмаки моддӣ ва имтиёзҳо барои онҳо пешбинӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, мо се ангезаи аслии муҳоҷирати занони тоҷикро муайян кардем: якум беҳбуди некуаҳволӣ: маълум аст, ки мардум дар ҷустуҷӯи маоши баланд, дар пайи истифодаи салоҳият ва дониши худ ҳастанд. Омили дуюм, таъминиояндаи кӯдакон ва ин талабот ба инфрасохтори баландсифат, таҳсилоти босифат, махсусан таҳсилоти олӣ мебошад. Ва сейум – беҳтар намудани шароити зиндагонӣ.

**Дар боби дуюми рисола «Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии занон дар Тоҷикистон»** сабабҳо, миқёс ва тамоюлҳои муҳоҷирати меҳнатии занон дар Тоҷикистон, масъалаҳои иҷтимоии вобаста ба афзоиши ҳиссаи занон дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ таҳлил шуда, инчунин тамоюлҳои ҷорӣ дар сиёсати муҳоҷирати давлатӣ дар шароити кишвар баррасӣ гардидаанд.

Дар фасли аввал сухан дар бораи он меравад, ки дар охирҳои соли 1991, пас аз пошхӯрии Давлати Шӯравӣ дар Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ дар бахшҳои иқтисодиву иҷтимоъӣ таназзул ба мушоҳида расид, ки солҳои тӯлонӣ идома дошт.

Дар аксари кишварҳои пасошуравӣ ва ба хусус дар кишварҳои Осиёи Марказӣ иқтисод бар асари болоравии нархҳо ба вазъи бӯҳронӣ дучор шуд. Ин амал махсусан дар шароити Тоҷикистон, ки ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, раванд ёфта буд. Чунин вазъияти номусоид дар байни аҳолӣ вазъи муҳоҷирати кории мардон ва баъдан занонро тезонд. Хусусияти асосии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар солҳои 1990-1997 дар Тоҷикистон бо афзоиши фаъоли ҳаракатҳои бенизомии аҳолӣ дар кишвар ба мушоҳида мерасид.

Дар ибтидои солҳои 90-ум ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, ба таъбири образноки баъзе муҳаққиқон, характери печида ва гоҳо бетартибона пайдо кардааст[1]. Дар як муддати кӯтоҳ ба сохторҳои ройгони тандурустӣ ва маориф, махсусан ба маълумоти миёнаи техникӣ ва миёна зарари калон расонда шуд[2].

Таҳлили муҳоҷирати меҳнатии занон дар дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки аксари занон дар соҳаи кишоварзӣ ва бахши содиротии иқтисодиёт бо маблағҳои деринтизори пасти даромад асос ёфтаанд, ки ин ба равиши рӯзгори онҳо таъсиргузор будааст. Ба ин соҳаҳои иқтисодиёт ба ҳайси тағйирёбии зуд-зуди нархҳо ва музди меҳнати мехнаткашон, набудани кафолатҳои меҳнатй ва хусусияти ғайрирасмии муносибатҳои мехнатй хос аст. Музди ками занон ва муҳоҷирони корӣ асоси рушди иқтисодӣ ва стратегияҳои рушди содирот дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад.

Тадқиқоти сотсиологие, ки мо дар охирҳои соли 2021 дар шаҳрҳои Душанбеву Ҳисор ва ҳамчунин дар навоҳии Рӯдакӣ, Ваҳдат, Варзоб ва Рашт анҷом додем, чанд омили муҳоҷирати кории занонро дар шароити кунунии Тоҷикистон ошкор

[1]Касымова, С.Р. Гендерные аспекты миграционных процессов Таджикистане: вызовы времени и варианты выбора / С.Р. Касымова. – Душанбе: Ирфон, 2020. – С.115.
[2]Ульмасов, Р.У. Положительные и отрицательные аспекты внешней трудовой миграции в Таджикистане / Р.У. Ульмасов // Кадровой менеджмент. – 2008. – №1. – С.64.

кардааст.Қобили зикр аст, ки яке аз омилҳои муҳими муҳоҷирати меҳнатӣ чӣ дар байни мардон ва чӣ занон, даромади пасти оилаҳо маҳсуб мешавад.

Тибқи ин пажӯҳиш, 14,4% пурсидашудагон посух додаанд, ки даромади моҳонаи онҳо ҳатто барои харидани ғизо кифоят намекунад ва 23,4% пурсидашудагон посух додаанд, ки даромади моҳонаи хонаводаашон барои ғизои якмоҳа кифоят мекунад, аммо ин барои харидани либос, пойафзол ва дигар маводҳои рӯзгор намерасад. Дар баробари ин, аксарияти пурсидашудагон, яъне 40,9% онхо ҷавоб доданд, ки даромади моҳонаашон барои харидани хӯрокворӣ, сару либос, пойафзол ва баъзе дигар ашёҳои рӯзгор кифоят мекунад, вале харидани ашёҳои гаронбахоро бо ин даромад харидан душвор аст. Натоиҷи пажӯҳиш нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои муҳоҷирати кории занон аз Тоҷикистон маҳз кам будани даромади моҳона аст. Таҳқиқот ва сӯҳбатҳои сершумори мо нишон медиҳад, ки бештари заноне, ки пайваста дар муҳоҷирати кории берунӣ аз оилаву фарзандон дур ҳастанд, дар бораи сарнавишти имрӯзу ояндаи фарзандонашон фикр мекунанд. Онҳо пайваста ба беҳбудии кӯдакони дур аз худ таваҷҷӯҳ доранд ва бар замми меҳнати сангин, аз бегонагии кӯдак ранҷ мекашанд, ки аз ҷиҳати равонӣ болои модарони муҳоҷир фишори зиёд меорад.

